# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика

**Парвандаи аттестатсионӣ №____**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.07.2026, №105**

барои сазовор донистани Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ.

Диссертатсияи Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло дар мавзӯи *«Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва татбиқи онҳо дар ҳалли муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ»* санаи 13-уми майи соли 2026, протоколи №102, аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-011, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 25 октябри соли 2024, № 378/шд) таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло 4-уми июли соли 1989 дар деҳаи Ҳаймаҳмадии ноҳияи Файзобод дар оилаи омӯзгор таваллуд шуда, соли 2007 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №79 –и ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанберо хатм намудааст.

Соли 2007 пас аз хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи механика ва математикаи ДМТ супорида, онро соли 2012 бо дипломи сурх хатм намудааст.

Пас аз хатми донишгоҳи номбурда аз соли 2012 ба ҳайси ассистент дар кафедраи математикаи олӣ фаъолияти кориро оғоз намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.01.2017, №21-05 ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалии факултети механика ва математика қабул карда шудааст ва дар ин муддат зери роҳбарии д.и.ф.-м., профессор, Мустафоқулов Р. фаъолияти илмӣ пеш бурдааст.

Маълумотнома оид ба хатми аспирантура 27 январи соли 2020 таҳти №29-05 бо фармони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Мирзозода Ҷ.А. давоми се сол таҳти роҳбарии Мустафоқулов Р. дар шуъбаи аспирантураи ДМТ таҳсил намуда, корҳои илмии худро пеш мебурданд. Вале мутаассифона соли 2020 профессор Мустафоқулов Р. даргузаштанд ва Мирзозода Ҷ.А. бе роҳбари илмӣ монданд. Давоми солҳои охир номбурда таҳқиқоти илмии худро таҳти роҳбарии д.и.ф.-м., дотсент Зарифзода С.Қ. идома дода, рисолаи илмии худро ба анҷом расонид.

Диссертатсия дар кафедраҳои муштараки таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ ва математикаи олии факултети механика ва математикаи ДМТ омода шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:** доктори илмҳои физикаю математика, профессор Мустафокулов Раҳмонкул ва доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи олии ДМТ Зарифзода Сарвар Қаҳрамон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шамсуддинов Файзулло Мамадуллоевич -** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав;
- **Саидов Бахтиёр Бобокалонович –** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти математика ба номи академик А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои физикаю математика, Халилов Ш.Б. ва номзади илмҳои физикаю математика, Каримов У.Ҳ. навишта шуда, аз ҷониби директори институт, номзади илмҳои физикаю математика Раҳимзода А.О. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдуллоро дар мавзӯи *«Таҳқиқи баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва татбиқи онҳо дар ҳалли муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ»* кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои илман асоснокшуда буда, ба тамоми талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295))-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои физикаю математика муқаррар шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо мутахассисони маъруфи соҳаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, соҳиби корҳои илмии ба нашр расонидашуда ба мавзӯи диссертатсия наздик мебошанд.

**Интихоби муассисаи** тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки дар Институти математика ба номи академик А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон олимоне фаъолият менамоянд, ки дастовардҳои бузурги илмӣ аз ҷумла ба мавзӯи диссертатсия наздикро доранд ва метавонанд арзишҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро объективона арзёбӣ намоянд.

Унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия 14 маводи интишорӣ дорад, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои

асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои илмии асосии муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Мирзоев Дж.А. Исследование одного линейного дифференциального уравнения четвертого порядка [Текст] / Дж.А.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – Душанбе, 2018. - №3. – С. 39-46.

[2-М] Мирзоев Дж.А. Исследование модельного дифференциального уравнения четвертого порядка [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – Душанбе, 2019. - №1. – С. 5-13.

[3-М] Мирзоев Дж.А. Исследование немодельного уравнения типа Эйлера четвертого порядка [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Доклады академии наук республики Таджикистан. Том 63. – Душанбе, 2020. - №1-2. – С. 15-23.

[4-М] Мирзоев Дж.А. Об одном классе немодельных двумерных интегро-дифференциальных уравнений со сверхсингулярным ядром [Текст] / С.К.Зарифзода, Дж.А.Мирзоев // Вестник филиала МГУ имени М.В.Ломоносова в г.Душанбе. Том 1. – Душанбе, 2024. - №4(43). – С. 5-13.

[5-М] Мирзоев Дж.А. Исследование одного класса двумерных интегро-дифференциальных уравнений со сверхсингулярным ядром [Текст] / С.К.Зарифзода, Дж.А.Мирзоев // Известия национальной академии наук республики Таджикистан. Душанбе, 2025. - №2 (199). – С. 19-29.

**Мақолаҳо дар маводҳои конференсиҳо:**

[6-М] Мирзоев Дж.А. О разрешимости многообразия решений одного класса линейных дифференциальных уравнений типа Эйлера, когда характеристическое уранение имеет комплексно-сопряженные корни [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев //Материалы научно практической конференции «VII-е Ломоносовские чтения» филиала МГУ имени М.В.Ломоносова в г. Душанбе, 28-29 апреля 2017г. - С. 20-24.

[7-М] Мирзоев Дж.А. Об одном линейном дифференциальном уравнении типа Эйлера 4-го порядка / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Современные методы теории краевых задач. Материалы международной конференции Воронежской весенной математической школы «Понтрягинские чтения XXVIII», г. - Воронеж 3-9 мая 2017г. - С. 120-122.

[8-М] Мирзоев Дж.А. Линейное однородное уравнение типа Эйлера 4-го порядка/ Р. Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Материалы Международной конференции посвящение 90-летию академика АН Республика Таджикистан, лауреата государственной премии имени Абуали Ибн Сина, Михайлова Леонида Григорьевича – Душанбе, - 2018. - С. 108-110.

[9-М] Мирзоев Дж.А. Интегральное представление решений линейных дифференциальных уравнений с постоянными коэффициентами [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Материалы международной научно-теоритической конференции, посвященной 70-летию образования ТНУ и 80-

летию академика АНРТ, д.ф.-м.н профессора Раджабова Нусрата – Душанбе, 2018. – С. 97-105.

[10-М] Мирзоев Дж.А. Об одном линейном однородном уравнении типа Эйлера третьего порядка [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Материалы республиканской научно-теоритической конференции, профессорско–преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященно международному 10-ю действия «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» и 70-й годовщине со дня создания ТНУ. – Душанбе, 2018. - С. 22.

[11-М] Мирзоев Дж.А. Об одном линейном уравнении типа Эйлера 4-го порядка [Текст] / Р.Мустафокулов, Дж.А.Мирзоев // Современные проблемы и приложения алгебры теории чисел и математическокого анализа «Институт математики имени А.Джураева» - Академия наук республики Таджикистан - Душанбе 2019. - С. 157-160.

[12-М] Мирзоев Дж.А. Исследование обобщенного уравнения Эйлера [Текст] / С.К. Зарифзода, Дж.А Мирзоев // Материалы международной конференции «Современные проблемы функционального анализа и дифференциальных уравнений» посвящённая 70-летию со дня рождения академика АН Республики Таджикистан, доктора физико-математических наук, профессора Бойматова Камолиддина Хамроевича. – Душанбе, 2020. – С. 130-132.

[13-М] Мирзоев Дж.А. Построение основ операционного метода для исследования особых операторно-дифференциальных уравнений [Текст] / С.К. Зарифзода, Дж.А Мирзоев // Материалы международной научно-практической конференции «Современные проблемы математики и её приложения», 2020-2040 годы. Душанбе, 20-21 октября 2020г.– С. 42-45.

[14-М] Мирзоев Дж.А. Исследование одного класса сопряжённого одномерного интегро-дифференциального уравнения типа сложной свёртки [Текст] / С.К. Зарифзода, Дж.А Мирзоев // Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы развития естественных, точных и математических наук в современных условиях». – Душанбе, 2022.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

- **коркард карда шудааст**, усулҳои татбиқи таҳлили классикии математикӣ, назарияи функсияҳо ва муодилаҳои интегралӣ барои муайян намудани сохти ҳалҳои умумии баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалии оддии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ;

- **пешниҳод шудааст**, методи самараноки ёфтани ҳалҳои ошкори муодилаҳои моделӣ ва ғайримоделии таназзулёбандаи намуди Эйлер (ҳам барои дараҷаи якум ва ҳам барои тартибҳои болоӣ), инчунин усули сохтани функсияи Коши ва резолвентаи муодилаҳои интегралии намуди Волтерра бо нуқтаҳои махсуси сингулярӣ;

- **исбот шудааст**, теоремаҳо оид ба интеграли умумии муодилаи умумикардашудаи намуди Эйлер, теорема дар бораи овардани муодилаҳои дифференсиалии коэффисиентҳояшон тағйирёбанда ба муодилаҳои коэффисиентҳояшон доимӣ ва теоремаҳо дар бораи мавҷудият ва ягонагии ҳалли умумии муодилаҳои интегро-дифференсиалии дученака бо ядрои барзиёд сингулярӣ;

- **ҷорӣ ғардидааст,** методҳои таҳқиқи аналитикии муодилаҳои таназзулёбандаи намуди Эйлер ва муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ дар раванди таълими факултаҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои махсус аз рӯйи назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- **исбот намудани** теоремаҳо оид ба интеграли умумии муодилаи умумикардашудаи намуди Эйлер ва теорема дар бораи овардани муодилаҳои дифференсиалии коэффисиентҳояшон тағйирёбанда ба муодилаҳои дифференсиалии коэффисиентҳояшон доимӣ, инчунин теоремаҳои мавҷудият ва ягонагии ҳалҳо барои муодилаҳои интегро-дифференсиалии дученака бо ядрои барзиёд сингулярӣ;

- **истифода бурдани** методҳои классикии таҳлили математикӣ, назарияи функсияҳо ва муодилаҳои интегралӣ дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалии оддии таназзулёбанда бо якчанд нуқтаҳои махсуси сингулярӣ;

- **ошкор гардидааст,** ки сохтани функсияи Коши ва резолвентаи муодилаҳои интегралии намуди Волтерра имконият медиҳад, ки сохти ҳалҳои умумии муодилаҳои моделӣ ва ғайримоделии тартиби болоӣ ба таври ягона ва самаранок муайян карда шавад;

- **омӯхта шудааст,** масъалаҳои ибтидоии намуди Коши барои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи тартиби якум ва тартибҳои болоии намуди Эйлер бо мавҷудияти нуқтаҳои сингулярӣ;

- **такмил дода шудааст**, усулҳои мавҷудаи таҳқиқи аналитикии муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ тавассути татбиқи методҳои муосири назарияи муодилаҳои таназзулёбанда, ки ба рушди назарияи умумии ҳалли чунин синфҳои муодилаҳо мусоидат менамояд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шудаанд**, методҳои аналитикӣ ва алгоритмҳои сохтани функсияи Коши ва резолвентаи муодилаҳои интегралии намуди Волтерра бо нуқтаҳои махсуси сингулярӣ, ки метавонанд дар таҳқиқоти илмии соҳаҳои физикаи математикӣ, механика ва моделсозии компютерии равандҳо истифода шаванд;

- **муайян карда шудааст**, ки татбиқи теоремаи барои овардани муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи коэффисиентҳояшон тағйирёбанда ба муодилаҳои коэффисиентҳояшон доимӣ, имкон медиҳад, ки

сохти ҳалҳои умумии баъзе синфҳои муодилаҳои ғайримоделии намуди Эйлер ба таври самаранок ва ягона ёфта шавад;

- **офарида шудаанд**, формулаҳои амалӣ ва усулҳои ҳисобкунии аналитикӣ барои ёфтани ҳалли умумии муодилаҳои интегро-дифференсиалии дученака бо ядрои барзиёд сингулярӣ, ки имконияти таҳлили математикии масъалаҳои канориро дар ин синфҳои муодилаҳо ба таври назаррас васеъ менамояд;
- **пешниҳод шудааст** усули ягонаи таҳлили масъалаҳои ибтидоӣ канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи тартиби олии намуди Эйлер, ки ҳамчун заминаи муҳими илмию методӣ барои моделсозии равандҳои физикию техникӣ дар ҳудуди нуқтаҳои махсуси сингулярӣ хизмат мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- **эътимоднокии натиҷаҳои илмии** кор бо исботҳои муфассали математикӣ ва истифодаи усулҳои классикию муосири таҳлили математикӣ, назарияи функсияҳо ва муодилаҳои интегралӣ асоснок карда шудааст;
- **назарияи таҳияшуда** дар асоси дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда ва исботҳои дақиқи теоремаҳо оид ба сохти ҳалҳои умумии муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи намуди Эйлер ва муодилаҳои интегро-дифференсиалии сингулярӣ тавсиф дода шудааст;
- **дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда** бо истифода аз теоремаҳои исботшуда оид ба мавҷудият ва ягонагии ҳалли масъалаҳои Коши ва масъалаҳои канори барои синфҳои мушаххаси муодилаҳои таназзулёбанда ва интегро-дифференсиалии дученака бо ядрои барзиёд сингулярӣ асоснок карда шудааст;
- **истифода шудани натиҷаҳои маълуми назариявӣ** дар исботи теоремаҳо ва ба даст овардани формулаҳои нав барои сохтани функсияи Коши ва резолвентаи муодилаҳои интегралии намуди Волтерра бо нуқтаҳои махсус ба таври муфассал пешниҳод гардидааст;
- **муайян шудаанд** формулаҳо ва усулҳои ҳисоббарорӣ барои ҳалли масъалаҳои канорӣ дар муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ, ки имкон медиҳанд хусусиятҳои сохторӣ ва аналитикии ҳалли масъалаҳо дар атрофи нуқтаҳои махсус таҳлил карда шаванд;
- **истифода карда шудани натиҷаҳои** бадастовардашуда дар ҳалли масъалаҳои назариявии физикаи математикӣ, механика ва моделсозии равандҳое, ки тавассути муодилаҳои дифференсиалии нуқтаҳои махсуси сингулярӣ тавсиф меёбанд, нишон дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Муҳокимаҳо ва интишороти натиҷаҳои илмӣ бо ҳаммуаллифон ва роҳбари илмӣ гузаронида шудаанд, аммо мундариҷаи асосии ин таҳқиқот, исботи теоремаҳо ва муқаррароти дифоъ саҳми шахсии муаллифро дар кори иҷрошуда инъикос мекунанд.

Дар ҷаласаи 17 июли соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдуллоро ба дараҷаи илмии номзади

илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (2 нафар ба таври маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа чунин овоз доданд: тарафдор – 15 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионии
6D.КОА.011, д.и.ф.-м., профессор Илолов М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионии 6D. КОА-011, н.и.ф.-м. Ғафоров А.Б.